## Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Дар замони муосир, хосса дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол масъалаи шинохти илмӣ ва омӯзиши худшиносию худогоҳии миллӣ беш аз пеш муҳим ва мубрам гашта истодааст. Фазои тозаи таърихӣ ва фарҳангӣ миллати моро водор менамояд, ки бори дигар ба солҳои воқеии миллатсоз рӯй оварда, мақому мартабаи таърихии халқи худро ба таври воқеӣ дарку маърифат намояд. Ин падида ҳам дар ҷодаи эҷоди бадеӣ ва ҳам дар пажуҳишҳои суханшиносӣ тадриҷан ба мавзӯъ ва проблемаи марказӣ табдил ёфта истодааст. Аз ин дидгоҳ таҳқиқу баррасӣ намудани романи «Гардиши девбод»-и А. Самад воқеан чолаи муҳим ва шоистаест дар маърифати худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар насри муосири тоҷикӣ. Зуҳури романи мазкур дар адабиёти тоҷикии давраи истиқлол аз тарафи аҳли адаб ва муҳаққиқони насри муосир ба ҳайси падидаи муҳими адабӣ пазируфта шуд, ки он ҳам ба муҳимияти мавзӯи рисолаи мавриди назар ишорат мекунад. Нависанда дар романи мазкур, ки аз ду китоб иборат аст, таърихи беш аз садсолаи миллати тоҷикро ба андеша мегирад. Вай аз даричаи ҳофизаи таърихии миллат ба баррасии ҳодисаю воқеаҳое, мепардозад, ки дар таърихи халқи тоҷик муҳим ва сарнавиштсоз маҳсуб мегарданд.

Муҳимтарини ин воқеаҳо Инқилоби Бухоро, ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум мебошад, ки ҳар яке дар ташаккули ҳофизаи таърихии тоҷикон нақши муҳим доранд. Аз ин ҷиҳат ҳам мавзӯи рисолаи Сурайё Ҳайдарова муҳим ва дорои арзиши илмӣ мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзӯи интихобнамудаашро таъкид намуда, ба мақому нақши арзишманди романи «Гардиши девбод» дар худогоҳиву худшиносии миллии халқи тоҷик ишорат менамояд. Вай собит менамояд, ки асари мазкур дар таҳқиқи бадеии ҳофизаи таърихии халқи тоҷик дар замони мо аз ҳар ҷиҳат муҳим аст.

Муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он бозтоб мегардад, ки муҳаққиқ як асари муҳташами адабиро, ки фарогири масоили таърихӣ ва иҷтимоист, дар матни муҳимтарин арзишҳои маънавӣ ва мафкуравии замони мо баррасӣ менамояд. Вай кӯшиш менамояд, ки зимни таҳқиқи муҳтавои романи мазкур арзиши адабию

эстетикии онро ба қадри тавони илмияш нишон диҳад. Муаллифи рисола бо истифода аз усулҳо ва абзорҳои муосири пажӯҳишӣ собит месозад, ки романи «Гардиши девбод» дар инкишофи насри таърихӣ-иҷтимоӣ дар адабиёти даврони истиқлол нақши муҳим мебозад. Дар рисола бо истифода аз усули таҳқиқи қиёсӣ-таърихӣ иртиботи романи «Гардиши девбод» ба равандҳои маърифати бадеии таърих дар адабиёти муосири тоҷик равшан нишон дода шудааст.

Ба таври куллӣ диссертатсияи Сурайё Ҳайдарова аз муқаддима, се боб зерфаслҳои ҷудогона ва хулосаю китобнома иборат аст. Дар боби якуми рисола, зиндагинома, марҳилаҳои асосии инкишофи ҳунари нависандагии А. Самад, зуҳури романи «Гардиши девбод» мақом ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти нависанда шарҳу тафсир мешавад. Муаллиф бо такя ба навиштаи муҳаққиқони эҷодиёти А. Самад, Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев, С. Табаров, Ҳ. Шариф ва дигарон масири ташаккули адибро ҳамчун шахсияти адабӣ нишон дода, омилҳои шаклгирии сабк ва мактаби адабии нависандаро баррасӣ менамояд. Дар рисола масири эҷодии А. Самад ба се марҳала ҷудо карда мешавад, ки он вобаста ба зуҳури эҷоди муҳимтарин асарҳои адиб мебошад. Вай таъкид мекунад, ки романи «Гардиши девбод» маҳсули давраи камолоти адабию эҷодии нависанда аст. Ин нуктаро худи адиб ҳам дар суҳбату мусоҳибаҳои солҳои охираш таъкид мекунад.

Романи мазкур боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он нависанда таҳти унвони рамзии гардиши девбод бузургтарин ҳодисаҳо ва пурфоҷеатарин садамаҳои иҷтимоию сиёсии садаи бистро, ки бо сарнавишти халқ таъсири амиқ гузоштанд, ба андеша мегирад. Нависанда дар мисоли рӯзгори мардуми як деҳа рӯзгори пурпечутоби як халқро тасвир мекунад. Саргузашти пурдарди домулло Лутфулло, ҳамдеҳаҳои ӯ – Қувват ва аз деҳа ғайб задани Комилбой натиҷа ва пайёмади пурфоҷеаи яке аз садамаҳои бузурги ибтидои қарни XX, инқилоби сурхи болшевикӣ мебошад. Чунонки муҳаққиқ ишора менамоянд, ин қабил ҳаводиси пурфоҷеа дар романи «Гардиши девбод» хеле воқеӣ ва реалӣ ба қалам дода шудааст. Яке аз симоҳое, ки нафрати хонандаро ба ноадолатиҳои замон меафзояд, симои Гадо-болшавой мебошад. Дар баробари инҳо дар деҳа одамони поку накӯкор, заҳматкашу бунёдкоре мисли Некному Мирак, Маликаю Заъфарон, Сифату Нурбахш кору зиндагӣ мекунанд ва ҳузури онҳо ба зиндагии мардуми деҳа нуру сафо мебахшад. Таҳлили муфассалу пурдоманаи паҳлуҳои романи «Гардиши девбод» дар фаслҳои сеюму чаҳоруми боби якуми рисола анҷом мешавад. Дар рисола шахсиятҳои достонии роман аз нигоҳи мавқеи адабӣ дар ҷадвали алоҳида тақсимбандӣ шудааст, ки

онҳо дар маҷмӯъ 96 нафаранд. Романи «Гардиши девбод» воқеан асари ба истилоҳ серовоза, муҳташам ва фарогир маҳсуб мешавад.

Масъалаи таърихият ва бозтоби бадеии ҳаводиси зиндагӣ дар романи «Гардиши девбод» дар боби дуюми рисолаи С. Ҳайдарова ба таҳқиқ омадааст. Муҳаққиқ дуруст таъкид мнамояд, ки ҳаводиси гуногуни таърихӣ задухӯрд ва набардҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар чеҳраи афроди ҷудогона акс андохтаанд. Маҷрои пуршиддати зиндагӣ, заҳмату талошҳо, фоҷеаҳои рузгори ашхос мазмуну моҳияти таърих ва замони муосирро дар саҳифаҳои роман ба ҷилва меорад.

Нависанда аз таърих моҳият, ибрат ва сабаққоро ошкор намуда, ба хонанда пешниҳод месозад. Фасли якуми боби мазкур «Таҷассуми бадеии воқеаҳои инқилобӣ дар асар» унвон дошта, дар он таъсири инқилоби Бухоро ба рӯзгори мардуми ибтидои асри XX ба қалам дода мешавад. Ин ҳодиса, ки ба гардиши девбод шабоҳат дорад, рӯзгори ором у осудаи мардумро чунон барҳам мезанад, ки қолабҳои ҳазорсолаи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии халкро мешиканад, ҳамаи пайомадҳои ин девбоди иҷтимоӣ дар китоби якуми романи «Гардиши девбод» ба тасвир омадааст. Чунонки муҳаққиқ ишора мекунад дар китоби дуюм нобасомониҳои рӯзгори мардум дар солҳои баъдӣ бо як назари танқидӣ баррасӣ мегарданд. Дар китоби дуюми роман мисли Ато Сафавӣ ва Наиму Насим ашхосе ба қалам дода мешавад, ки ҳар кадом дар шинохти зиндагӣ ва ҳаводиси таърих назари хос доранд. Махсусан, таъқиботи солҳои сиюм ва ҷанги Бузурги ватанӣ аз ҷумлаи ҳаводиси таърихие ҳастанд, ки нависанда аз тариқи нишон додани сарнавишти инсонҳои оддию қаторӣ таваҷҷуҳи хонандаро ба моҳияти таърих ҷалб мекунад. Муаллифи рисола ин ҷиҳати муҳимми романи нависандаро дар фасли дуюми боби дуюми таҳқиқоти худ муфассал баррасӣ менамояд. Вай асари мазкурро аз нигоҳи таърихӣ бо романҳои А. Солженитсин, В. Шаламов, Ф. Искендар, В. Шаров ва дигарон муқоиса карда, вижагиҳои хоси ҳунарию адабии нависандаи тоҷикро нишон медиҳад.

Дар фасли сеюми боби дуюми рисола масъалаи бозтоби ҳаводиси ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар китоби дуюми романи «Гардиши девбод» баррасӣ мегардад. Чунонки С. Ҳайдарова таъкид менамояд, нависанда ин ҳаводиси нангинро ҳам аз забони қаҳрамонҳояш ва ҳам аз забони муаллифи роман маҳкум менамояд. А. Самад дар байни ҳаводиси ибтидо ва охири асри XX як қатор шабоҳатҳоро ба мушоҳида мегирад, ки онҳо барои баҳо додан ба таърихи халқ муҳиманд. Дар охири садаи XX дар рӯзгори иҷтимоии мардум пайдо шудани ашхоси силоҳбадаст, хотироти таърихии мардумро аз ҳаводиси замони инқилобу солҳои

барқароркунии низоми шӯравӣ рушан месохт. Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки нависанда барои беҳтару хубтар нишон додани моҳияти ходисаву воқеаҳо аз шеваҳои тасвири публитсистӣ ва ҳуҷҷатписандӣ кор мегирад. Чунин шеваи нигориши мавзӯъҳои таърихӣ хонандаро ба моҳияти ҳодисаву воқеаҳо ва чеҳраҳои таърихӣ бештару беҳтар ошно месозад. Ин иқдоми нависанда, чунонки муҳаққиқ ишора мекунад, хонандаро водор месозад, ба гардиши пуртаҳлука ва фоҷеабори таърих аз диду нигоҳи имрӯзӣ, аз назари моҳиятҷӯю сабақомӯз баҳо диҳад.

Бояд таъкид кард, ки романи «Гардиши девбод» сарфи назар аз ҷанбаҳои таърихӣ ва умумибашариаш, як романи комилан миллӣ мебошад. Ин ҷиҳати асари мазкур дар фаслҳои ҷудогонаи боби сеюми рисолаи С. Ҳайдарова ба таҳқиқ омада аст. Ҷои таъкид аст, ки А. Самад дар аксари асарҳои хурду бузургаш ба суннатҳои мардумӣ, анъанаву русум, ахлоқ ва фарҳанги миллӣ аҳамияти махсус медиҳад. Воқеан маҳз ҳамин арзишҳои воло ҳастанд, ки халқу миллатро дар сатҳи глобалӣ муаррифӣ менамоянд. С. Ҳайдарова бозтоби суннатҳои мардумиро дар романи мазкур ба таври алоҳида ва мушаххас баррасӣ менамояд. Вай таъкид мекунад, ки тасвири қонунҳои нонавиштаи зиндагии мардум, дар лаҳзаҳои душвор дасти ҳамдигарро гирифтани одамон, шарики ғаму шодии ҳамдигар будан, оини одаму одамгариро пос доштан аз фазилатҳои нотакрори мардуми деҳот аст. Ҳамаи ин аз ҷумлаи рукнҳои муҳим ва побарҷои ҳаёти маънавии мардуми кӯҳистон ба ҳисоб меравад, ки аксари онҳо дар рафтору кирдори қаҳрамонҳои романи мазкур равшан бозтоб мегарданд. Дар замони мо ин падидаҳоро метавон ба ҳайси аслҳои муҳими худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ баррасӣ намуд. Аз тарафи дигар дар замони мо тарғиби арзишҳои миллӣ аз ҷумлаи муҳимтарин вазоифи адабиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ба ҳамин хотир, дар романи «Гардиши девбод» нависанда таваҷҷуҳи хонандагону алоқамандони адабиётро маҳз ба ҳамин аслҳои миллатсоз ва суннатҳои маънавию ахлоқии миллати тоҷик ҷалб мекунад. С. Ҳайдарова дар робита ба романи мазкур дуруст таъкид мекунад, ки «муаллифи роман зимни тасвири образҳои асар ва муносибати иҷтимоии онҳо ва масъалаи худшиносии миллӣ ва пойдории ҳофизаи таърихӣ» диққати ҷиддӣ медиҳад.

Дар рисолаи мазкур масъалаи сабки фардии нависанда ҳам зимни баррасии ҷанбаҳои миллии роман баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки А. Самад аз оғози масири эҷодияш бо шева ва пайраҳаи хоси худ ба майдони адабиёт ворид гардида, тадриҷан сабки нигориши худро таҳким дод. Таҳқиқи ҷаҳони ботинии инсон, тасвири вуқӯъгароёна, забони содаву равон, танзи зебову нишонрас аз вижагиҳои

хоси услуби нависандагии ӯ мебошанд. Маҳз ҳамин омилҳои сабксоз дар романи «Гардиши девбод» дар якҷоягӣ ба ҷилва омада баёни нависанда, маҷрои нақли ҳодисаву воқеаҳо ва тасвирро рангин сохтаанд. А. Самад нависандаест, ки дар истифодаи забон хеле устокорона ва саррофона муносибат дорад. Ин нуктаро хеле барвақт устод С. Табаров ҳам пай бурда, дар як номаи худ ба нависанда зикр карда, таваҷҷуҳи ӯро ба истифодаи унсурҳои афзункунандаи таъсири сухани адабӣ, аз қабили мақол, зарбулмасал ва ифодаю таркибҳои пурҳикмати мардумӣ ҷалб намуда буданд.

С. Ҳайдарова дар фасли сеюми боби сеюми рисола вижагиҳои хоси услуби эҷодӣ ва шеваҳои тасвирро дар романи «Гардиши девбод» муфассал баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки А.Самад ҳамчун нависандаи закиву хирадманд, устоди забардасти тасвиру таҳлили рӯҳиву равонии инсон, муҳаққиқи андешапарвар ва борикназар, публитсисти оташсухан, адиби суханвару сухангустар дар сайқалу рушди забони тоҷикӣ нақш бориз дорад.

Дар рисола натоиҷи пажӯҳиши муҳаққиқ ба таври мушаххас натиҷагирӣ мешавад. Таъкид мегардад, ки романи «Гардиши девбод»-и А. Самад дар насри тоҷикии даврони истиқлол, воқеан, ҳодисаи адабӣ ва бозёфти муҳими эҷодии нависанда мебошад.

Дар рисолаи С. Ҳайдарова дар баробари дастовардҳои илмию пажӯҳишии зикргардида баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки зикри онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хеле кутоҳанд, ки моҳияти масъалаҳоро пурра фаро намегиранд.

2. Муаллиф бояд марҳалаҳои рушди эҷодиёти А. Самадро дар матни равандҳои тозаи насри солҳои 70-80 садаи XX баррасӣ менамуд.

3. Муносибати адабию эҷодии нависанда ба мактабҳои адабии замон дар рисола равшан карда нашуда аст.

4. Фаслҳои якуму дуюми боби дуюми рисола, баррасии мазмуну муҳтавои романи «Гардиши девбод» ихтисос дорад, характери тавсифӣ гирифтааст.

5. Дар шинохти ҷанбаҳои миллии роман муаллиф бояд ба баҳоҳои атрофи романи миллӣ дар солҳои ҳафтод ба миёнамада такя менамуд.

Камбудиҳои мазкурислоҳшаванда буда, онҳо арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»» таҳқиқоти комилу анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Салихов Ш. А.

Имзои Ш. А. Салиховро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Назаров Д.

Суроғаи электронӣ:
E-mail: soleh59@mail.ru
Тел.:+992(37)221-03-89; 987-65-00-43

02.05.2020